**«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»**

**директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**_____________Усмонзода Х.У**

**аз «_____»__________ соли 2024**

# ТАҚРИЗ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Қувватзода Сайдулло Зувайд дар мавзуи «Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Тадқиқоти диссертатсионии Қувватзода Сайдулло Зувайд дар мавзуи «Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ» масоили муҳимро фаро гирифта, дар он як қатор масъалаҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Сохтори диссертатасия аз сарсухан, панҷ боб, сенздаҳ зербоб, хулоса, феҳристи интишороти муаллиф, рӯйхати адабиёту сарчашмаҳо ва замимаҳо иборат мебошад.

Муаллиф дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши онро асоснок намудааст. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқот объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот ва дигар ҷанбаҳои дастгоҳи илмии он ифода ёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқотро муаллиф дар он пешниҳод намудааст, ки масъалаи сиёсати об бори нахуст дар Тоҷикистон ба таври васеъ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Инчунин, дар диссертатсия омили об дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон дар таҳқиқот раванди таърихии

пайдоиш ва ташаккули сиёсати об, ҷойгоҳи он дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат ва аҳамияти он дар таъмини амнияти миллию давлатӣ таҳқиқ гардидааст.

Муаллифи диссертатсия ҷанбаҳои таърихию назариявӣ, консептуалӣ, заминаҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии ташаккули сиёсати об, мушкилоти об, дипломатияи об, низоъҳои обӣ ва нақши Тоҷикистон дар ташаккули сиёсати обро мавриди пажуҳиш қарор дода, дар заминаи он пешниҳоду тавсияҳои илман асоснокро манзур намудааст.

Қувватзода С. З. дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои нави сиёсии вобаста ба обро дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври мушаххас омӯхта, омили обро дар ҳамгироии минтақавӣ мавриди арзёбӣ қарор додааст.

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ – методологии таҳқиқи сиёсати об дар шароити муосир», ки аз се зербоб иборат мебошад муаллиф масъалаҳои назариявию методологии тадқиқи сиёсати об, ҷанбаҳои таърихии он, ҷойгоҳи масоили вобаста ба об дар рӯзномаи ҷаҳонӣ, моҳияти он ва асосҳои консептуалии омӯзиши сиёсати обро мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Таъкид гардидааст, ки бо дарназардошти то рафт мураккаб гардидани мушкилоти об, мавзуи об дар ҷаҳони муосир ба мубрамтарин масъала табдил ёфтааст. Ин мавзуъ, ҳарчанд мавзуи ҳаётӣ аст, аммо то охири асри XX ҷомеаи ҷаҳонӣ, алалхусус созмонҳои ҷаҳонӣ, ба он аҳамияти зарурӣ надодаанд. Асосан дар даҳсолаҳои охири қарни XX ва ибтидои асри XXI ҳам аз ҷониби кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон ва ҳам созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ба ин масъала диққати махсуси сиёсӣ дода мешавад. Имрӯз мавзуи об яке аз мавзуҳои асосии рӯзномаи ниҳодҳои дахлдори СММ ва дигар созмону ташкилотҳои ҷаҳонию минтақавӣ гардидааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Сиёсати об ва моҳияти он дар замони соҳибистиқлолии давлатҳои Осиёи Марказӣ» ном гирифтааст, аз се зербоб иборат мебошад. Дар он муаллифи диссертатсия асосҳои сиёсию ҳуқуқии

танзими муносибатҳои гуногунҷанба ва гуногунарса дар соҳаи обро мавриди пажуҳиш қарор дода, қайд кардааст, ки барои ба танзим даровардани маҷмуи муносибатҳои вобаста ба об дар сатҳҳо ва зинаҳои гуногун ва пешбурди сиёсати густурдаи обӣ дар сатҳи миллию минтақавӣ ва ҷаҳонӣ санадҳои зиёди меъёрию ҳуқуқӣ таҳия гардидаанд ва мавриди амал қарор доранд. Аммо, ҳолати воқеии мушкилоти об дар ҳамаи бахшҳо ва сатҳҳо нишон медиҳад, ки талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тадбирҳои дар ин самт андешидашуда то ҳанӯз қонеъкунанда нестанд.

Вобаста ба мушкилоти асосии захираҳои об ва дарёфти роҳу воситаҳои ҳалли онҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ Қувватзода С. З., маҷмуи масъалаҳои вобаста ба минтақа дар соҳаи об ва таъсири онҳо ба муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои минтақаро мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Таъкид меравад, ки кишварҳои Осиёи Марказиро ҳавзаи ягонаи обӣ – ҳавзаи баҳри Арал (ҲБА) дар худ муттаҳид гардонидааст ва асоси захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказиро дарёҳои Сир ва Ому ташкил менамоянд, ки онҳо аз пиряхоҳи кӯҳҳои Помиру Тиёншон сарчашма мегиранд.

Мушкилоти экологии баҳри Арал яке аз масъалаҳои муҳимму мураккаби вобаста ба об дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки он таъсири бевоситаи худро ба муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои минтақа расонида истодааст. Дар ин қисмат муаллиф сабабу омилҳо ва заминаҳои пайдоиши мушкилоти экологии баҳри Арал, заминаҳои ниҳодӣ ва сиёсию ҳуқуқии минтақавӣ ва байналмилалии ҳалли он, инчунин, таъсири онро ба муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои минтақа мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки «Низоъҳои вобаста ба об дар замони соҳибистиқлолии кишварҳои Осиёи Марказӣ» ном гирифтааст, Қувватзода С. З. низоъҳо, ихтилофҳо ва гуногунандешиҳои вобаста ба обро, ки дар ҳолатҳои алоҳида дар муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои минтақа рӯй додаанд, таҳқиқ намудааст.

Таъкид гардидааст, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо об сабаби мунокишаҳои байни кишварҳои алоҳида буд, ки аз ин сабаб низоъҳои ҳарбӣ ва этникӣ на як бору ду бор ба амал омадаанд. Аммо танҳо дар даҳсолаҳои охир захираҳои об таваҷҷуҳи бештарро дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон ҷалб карда, ба омили ихтилофоти геополитикӣ табдил ёфтанд. Норасоии захираҳои об ва хоҳиши кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон барои таҳти назорат гирифтани онҳо боиси сар задани низоъҳои байнидавлатӣ мегардад. Норасоии захираҳои об ба амнияти давлат ва тамоми минтақаҳо, иқтисодиёт, сатҳи рушди иҷтимоӣ, ҳалли масъалаҳои амнияти озуқаворӣ ва масъалаҳои демографӣ таъсири бевосита расонида, боиси ташаннуҷи вазъ дар ҷомеа мегардад.

Бо дарназардошти ин муаллиф пешниҳод намудааст, ки дар доираи Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор, 2018-2028» Консепсияи мукаммали низоъшиносии обӣ бо назардошти хусусиятҳои тамоми низоъҳои вобаста ба об сарзада таҳия карда шавад ва татбиқи амалии он дар доираи уҳдадориҳои ҷонибҳо, ки дар раванди татбиқи нақшаи чорабиниҳои миёнамуҳлати ин даҳсола ба тасвиб мерасад ба роҳ монда шавад.

Дар боби чоруми диссертатсия, ки «Дипломатияи об ва хусусиятҳои асосии он» ном гирифтааст, мафҳум, моҳият, таърихи пайдоиш ва заминаҳои ташаккули он мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки мафҳуми «дипломатияи об» шаклан падидаи нав, вале мазмунан падидаи таърихӣ буда, он дар ҳамаи давраҳои таърихӣ дар муносибати ҷонибҳои дорои вобастагиҳо ва умумиятҳои обӣ ба таври васеъ истифода гардидааст. Бо назардошти воқеиятҳои таърихӣ ва ҳолати кунунии муносибатҳо дар соҳаи об Қувватзода С. З. дипломатияи обро ба ду қисм ҷудо менамоем:

1. Шакли классикии дипломатияи об.
2. Шакли муосири дипломатияи об.

Шакли классики дипломатияи об раванди тӯлонии таърихиро дар бар гирифта, ибтидои он ба фаъолияти дастаҷамъонаи сокинони маскуни ҳудуди ягонаи ҷуғрофӣ барои муштаракан бунёд намудани инфрасохтори мухталифи

обрасонӣ рост омада, он раванди наҳрсозӣ, бунёди ҷӯю хатҳои обрасонӣ, ҳавзу дарғот, обёрии заминҳои кишт ва маҳаллаҳои иқомат, идоракунӣ ва тағйир додани маҷрои дарёҳо ва дигар амалкардҳои муштаракро дар соҳаи об дар бар мегирад.

Шакли муосири дипломатияи об бо ҷалби тарафҳо ва ҷонибҳои мухталиф ва гуногунарса аз шакли классикии дипломатияи об тафовут дошта, он аз сатҳи ҳамбастагии ҷуғрофии давлатҳои алоҳида дар соҳаи об ба сатҳи умумият ва ягонагии ҷаҳон дар соҳаи об гузашта, ҷаҳонӣ будани масъалаҳои вобаста ба об, ҳамшарикӣ, вобастагии мутақобилаи кулли ҷомеаи ҷаҳонӣ дар соҳаи об ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин соҳаро фаро мегирад.

Шакли муосири дипломатияи об аз пайдоиши институҳои ҷаҳонӣ ва таҳкими масъалаҳои вобаста ба об дар рӯзномаи ҷаҳонӣ сарчашма гирифта, дар доираи фаълолияти ниҳодҳои байналмилалии соҳаи об заминаҳои сиёсию ҳуқуқии он таҳким бахшида шудаанд. Он фарогири рӯзномаи ҷаҳонии об буда, консепсияҳои муосири идоракунии захираҳои обро дар бар мегирад.

Дар ин боб ҳамзамон ҷойгоҳи “Раванди оби Душанбе” дар ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар соҳаи об мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки “Раванди оби Душанбе” ҳамчун нақшаи амали (платформаи) байналмилалии пешбурди дипломатияи об дар ҳамгироии минтақавию байналмилалӣ дар соҳаи об ҷойгоҳи махсус дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди рӯзномаи оби сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ ҷойгоҳи шоиста дошта, ҳамчун кишвари пешсафи татбиқкунандаи ҳадафҳои сатҳи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ҳадафҳои рушди устувор ва ҳалли мушкилоти соҳаи об шинохта шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори муколамаи об дар ҳамаи сатҳҳо мебошад ва бо маром дипломатияи обро пеш бурда истодааст.

Ҳанӯз аз охири қарни XX ва аввали асри XXI Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои илман асоснокшударо ҷиҳати ҳалли мушкилоти соҳаи об дар сатҳи ҷаҳонӣ манзур намуда, онро то кунун дар сатҳи баланд идома дода

истодааст. Дар ин раванд, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускори силсилаи иқдомоти ҷаҳонӣ дар соҳаи об эътироф гардида, пойтахти он шаҳри Душанбе ба маркази муколама ва дипломатияи об табдил ёфтааст. Бо дарназардошти мунтазам ва самарабахш баргузор гардидани маҷмуи чорабиниҳои вобаста ба об дар шаҳри Душанбе он ҳамчун «Раванди оби Душанбе» аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, ки фарогири ғояҳои башардӯстона ва ба нафъи кулли ҷомеаи ҷаҳонӣ нигаронида шудааст.

Боби панҷуми диссертатсия «Дурнамои рушди сиёсати об дар минтақаи Осиёи Марказӣ» ном дошта, дар он дурнамои муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар масъалаи об дар раванди тағйирёбии иқлим мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки бо дарназардошти он, ки масъалаҳои вобаста ба об дар муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи махсус дорад, тағйирёбии иқлим метавонад ба ин муносибатҳо таъсири манфии худро ҳамаҷониба расонад.

Тавре маълум, Осиёи Марказӣ дорои захираҳои оби маҳфуз дар хушкӣ буда, дар раванди тағйирёбии иқлим осебпазир ва зудкоҳишёбанда мебошанд. Ин ҳолат нишонаи возеҳи он аст, ки дар ояндаи наздик захираҳои оби минтақа барои қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни ҷомеаи Осиёи Марказӣ ба об басанда нест.

Бо дарназардошти ин, масъалаҳои вобаста ба об дар минтақа беш аз пеш мураккаб гардида, андешидани тадбирҳои ғайримуқаррариро тақозо менамояд.

Махсусан, мушкилот дар самти муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ миёни давлатҳои болооб ва поёноб ногузир арзёбӣ мегардад. Ҳарчанд кишварҳои минтақа куллан ҷонибдори ҳалли тамоми масъалаҳои вобаста ба об дар доираи меъёрҳои ҳусни ҳамҷаворӣ, ҳамсоягии нек, гуфтушунид, адолат ва баробарию дӯстӣ ҳастанд, аммо дар сурати густариш пайдо кардани пайомадҳои манфии раванди тағйирёбии иқлим ва кам гардидани захираҳои об, дар даҳсолаҳои наздик он метавонад танҳо талаботи

кишварҳои болообро қонеъ гардонад ва кишварҳои поёноб миқдори зарурии обро дастрас карда натавонанд. Дар сурати дастрас нагардидани миқдори зарурии об ва афзоиши мунтазам доштани талабот ба об метавонад ихтилофро миёни давлатҳо ба вуҷуд орад. Аз ин рӯ, кишварҳои поёноби минтақарор зарур аст, ки барномаҳои ҳамгироёнаи идоракунии талабот ба захираҳои обро бо назардошти пайомадҳои манфии раванди тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба захираҳои оби минтақа таҳия ва амалӣ созанд.

Дар ин самт ҳифзи пиряххо, ки сарчашмаи асосии захираҳои оби минтақа мебошанд, бояд дар меҳвари сиёсати минтақавии обӣ қарор гирад. Махсусан, дар раванди тағйирёбии иқлим кишварҳои минтақаро зарур аст, ки амалҳои муштаракро баҳри ҳифзи захираҳои об, махсусан пиряххо равона созанд.

Дар ин боб Қувватзода С. З. омӯзиши сиёсати обро ҳамчун соҳаи нави илмҳои сиёсӣ ва курси алоҳидаи омӯзишӣ, баъдан дар заминаи онҳо ҳамчун фанни алоҳидаи таълимӣ асоснок кардааст. Муаллиф дар заминаи таҳлили ҳамаҷониба сохтори таркибии сиёсати об, вазифаҳо, қонуниятҳо, методҳо, объект ва предмети онро мушаххас сохтааст.

Қайд гардидааст, ки вазифаҳои сиёсати обро ташаккули донишҳо доир ба ҷойгоҳи захираҳои об дар рушду тараққиёти ҷомеа, аҳамияти захираҳои об дар таъмини амнияти миллӣ ва пойдории давлатӣ, муайян намудани ҷойгоҳи сиёсати об дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, омӯзиши омили об дар муносибатҳои байналмилалӣ, тақвият бахшидани дипломатияи об, омӯзиши низоъҳои обӣ ва коркарди роҳу воситаҳои пешгирӣ ва ҳалли мухолифат ва низоъҳои вобаста ба об, тавсифи робитаи равандҳои иқтисодию сиёсӣ бо захираҳои об, пешгӯии ин равандҳо ташкил медиҳад. Дар ҷанбаи амалӣ ин таҳияи стратегия ва равиш барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати обӣ мебошад.

Ҳамзамон сиёсати об донишҳоро доир ба идоракунии оқилона, ҳамгироёна ва самараноки захираҳои об, инчунин дарёфти роҳҳои натиҷабахши ҳалли мушкилоти вобаста ба об аз сатҳи давлатӣ то ҷомеаи

шаҳрванди ташаккул дода, замина барои пешгирии ихтилофҳои вобаста ба об дар ҳамаи сатҳҳо мебошад.

Диссертатсия аз нигоҳи илмӣ ғанӣ ва андешаҳои муаллиф мантиқан дуруст баён гардида, натиҷаҳо хулосагирӣ шудаанд. Хулосаҳои асосии кори диссертасионӣ ва аҳамияти амалии онро метавонад дар муносибатҳои миллию байнидавлатӣ ва минтақавию байналмилалӣ дар соҳаи об истифода намуд.

Дар баробари дастовардҳои диссертатсия якчанд норасоиҳои техникӣ низ дар он вуҷуд дорад, ки онҳоро метавон ба таври зайр номбар намуд:

1. Бояд баъзе истилоҳоти истифодашуда дар диссертатсия, ки бо номи кор, яъне *сиёсати об* алоқамандӣ доранд, ба монанди *гидрополитика ва гидродонор* дар тамоми матни диссертатсия бо забони тоҷикӣ оварда шавад.
2. Дар рисолаи илмӣ масъалаи тағйирёбии иқлим дар зербоби алоҳида таҳлил гардидааст, вале омилҳои асосии таъсиррасон ба он васеътар баррасӣ нашудааст. Илова бар ин, истифодаи сарчашмаҳои нави илмӣ вобаста ба масъалаи мавриди назар зарур дониста мешавад.
3. Дар рӯйхати ихтисораҳо овардани Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола (ҲРҲ) илова карда шавад.

Норасоиҳои мазкур ба мазмуну муҳтавои диссертатсия халал ворид накарда, ислоҳи онҳо сатҳу сифати корро боло мебарад.

Дар маҷмуъ, диссертатсия маҳсули кори илмии мустақил ҳисоб рафта, ба талабот доир ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ мебошад. Муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) мебошад.

Тақризи мазкур ба талаботи бандҳои 71-72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Тақризи мазкур дар маҷлиси васеи Раёсати омӯзиши масъалаҳои амнияти минтақавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2024, протоколи №1 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар маҷлис 7 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 7 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси маҷлис, доктори илмҳои фалсафа,
профессор узви вобастаи АМИТ, Директори
Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонзода Х.У.

Котиби маҷлис, сардори Раёсати омӯзиши
масъалаҳои амнияти минтақавии
Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои таърих Шарифзода С.С.

Лоиҳаи тақризро омода кард, муовини
Директори Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммадзода П.А.

Имзоҳои Усмонзода Х.У., Шарифзода С.С.
ва П.А. Муҳаммадзодаро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус
ва умумии Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодиева З.Д.

Суроғаи муассиса: 734025, Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ 89, тел.: (+992 37) 221-11-00,
факс: (+992 37) 221-11-00,
E-mail: info@mts.tj